Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рўзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

2 декабри соли 2023
Шанбе
№ 96 (15003)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# НАТИҶАИ ҲАМОИШИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ОЯНДАИ ҲАРЧИ СУБОТНОК, ШУКУФОН ВА БЕХАТАРИ САЙЁРААМОНРО ТАЪМИН МЕНАМОЯД

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев бинобар даъвати Президенти Аморати Муттаҳидаи Араб Муҳаммад бин Зоид Ол-Наҳаён 1 декабр дар кори маҷлиси умумии асосии Анҷумани СММ оид ба тағйирёбии иқлим (COP28), ки имрўзҳо дар шаҳри Дубай барпо мегардад, иштирок намуд.**













Дар кори чорабинӣ роҳбарони давлатҳо ва ҳукуматҳои бештар аз 170 мамлакати ҷаҳон, роҳбарони ташкилотҳои байналхалқии бонуфуз ва институтҳои молиявӣ иштирок менамоянд.

Дар аввали суханронии худ роҳбари давлатамон роҳбарият ва мардуми Аморати Муттаҳидаи Арабро бо ҷашни миллиашон ва бомуваффақият ташкил намудани ҳамоиши таърихӣ самимона табрик намуда, ташаббусҳои ҷаҳонии Аморатро дар мубориза бар зидди тағйирёбии иқлим ва саҳмаш барои инкишофи «сабз» махсус таъкид намуд.

Тавре ки Президенти Ўзбекистон таъкид кард, ҳоли ҳозир тағйироти иқлим таҳдиди асосӣ дар роҳи рушди босубот гардид. Ин махсусан дар Осиёи Марказӣ ва минтақаҳои ҳамсоя дар партави фоҷиаи Арал – яке аз бухронҳои маҳвсозандаи экологии замони мо мебошад, хеле эҳсос мегардад.

Пешвои мамлакатамон эътибори ҳозиронро ба чандин нукта нигаронд.

Ҳамин тариқ, боло рафани ҳарорати ҳаво дар Осиёи Марказӣ аз нишондоди миёнаи ҷаҳонӣ ду баробар зиёд, миқдори рўзҳои фавқулода гарм ду баробар афзуда, сеяки мавзеъи пиряхҳо об шудаанд.

Вайрон гардидани хок, тўфонҳои доимии чангу рег, танқисии оби ошомиданӣ, ифлос гардидани ҳаво, коҳиши гуногунии биологӣ, якбора паст гардидани ҳосилнокӣ ва бисёр дигар падидаҳои манфӣ ба сифати ҳаёти миллионҳо сокинони минтақа таъсири манфӣ дорад.

Президент таъкид кард, ки ба роҳи иқтисодиёти «сабз» гузаштан ва даст ёфтан ба холисии карбон вазифаи бартариноки стратегии Ўзбекистони Нав ба шумор меравад.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР АНҶУМАНИ СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД ОИД БА ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ (COP28)

Муҳтарам сарони ҳайатҳо!

Ба суханони самимонаи изҳори миннатдорӣ ба унвони Президенти Аморати Муттаҳидаи Араб Волоҳазрат Муҳаммад бин Зоид Ол-Наҳаён барои даъват ба ҳамоиши имрўза, бешубҳа, таърихӣ ва инчунин ташкили мулоқот дар дараҷаи олӣ шарик мегардам.

Ташаббусҳои ҷаҳонии Аморатро дар мубориза бар зидди тағйироти иқлим ва саҳми калонаш дар тараққиёти «сабз» истиқбол менамоем.

Аз имконот истифода намуда, аз таҳти қалб халқи Аморати Муттаҳидаи Арабро бо Ҷашни миллӣ табрик намуда, шукуфоӣ таманно дорам.

Муҳтарам иштирокдорони ҳамоиш!

Ҳоли ҳозир тағйир ёфтани иқлим хатари асосӣ дар роҳи рушди устувор гардид. Он ба меъмории геосиёсӣ низ таъсир мебахшад.

Оқибатҳои мудҳиши тағйир ёфтани иқлим хусусан дар Осиёи Марказӣ бинобар фоҷиаи Арал хеле сахт эҳсос мегардад. Боло рафтани ҳарорати ҳаво дар минтақаамон аз нишондоди миёнаи ҷаҳонӣ ду баробар зиёд мебошад. Миқдори рўзҳои фавқулода гарм ду баробар афзуда, сеяки мавзеъҳои пиряхҳо об шудаанд.

Ҷараёнҳои вайрон гардидани хок дар ҳаёти беш аз 30 миллион нафар таъсири манфӣ мегузорад. Бўронҳои сахти чангу рег падидаи муқаррарӣ мегардад. Чунин мушкилот мисли нарасидани оби ошомиданӣ, ифлос гардидани ҳаво, коҳиши гуногунии биологӣ, зуд паст гардидани ҳосилнокӣ дар хоҷагии қишлоқ ҳарчи бештар амиқтар мегарданд.

Ин таҳдидҳои ҷаҳонӣ дар минтақаи паҳнои мо ба нуқтаи хатарнок наздик гаштааст.

Муҳтарам иштирокдорони ҳамоиш!

Гузаштан ба иқтисодиёти «сабз» ва расидан ба холисии карбон вазифаи бартариноки стратегии Ўзбекистони Нав ба шумор меравад.

Дар солҳои охир дар мамлакатамон саҳми энергияи муқобил ду баробар афзуд. То соли 2030 мо барои коркарди 25 гигаватт энергияи барқароргарданда иқтидорҳо ба вуҷуд меорем. Дар бобати татбиқи лоиҳаи истеҳсоли водороди «сабз» қадамҳои нахустини амалӣ гузошта шудаанд.

Дар доираи ташаббуси «Макони сабз» дар мамлакатамон 1 миллиард бех ниҳол шинонда мешавад. Дар қаъри хушкшудаи баҳри Арал мо дар майдони 2 миллион гектар дарахт шинондем.

Мо метавонем бар зидди тағйир ёфтани иқлим танҳо бо роҳи муттаҳид намудани кўшиш ва ҳамкории васеи байналхалқӣ босамар муқовимат намоем.

Бинобар ин пешниҳодоти зеринро арз менамоям.

**Якум.** Мо ҷонибдори ҳарчи зудтар ҳамоҳанг намудани Механизми чаҳорчўбаи ҷаҳонӣ дар соҳаи Мутобиқат ба тағйироти иқлим дар доираи Қарордоди Париж мебошем.

Дар пойгоҳи Гуфтугўйи Осиёи Марказӣ оид ба иқлим Стратегияи мутобиқатро таҳия месозем. Дирўз қабул гардидани қарори муҳимро дар бораи таъсиси Фонди «талаф ва зарар» олӣ арзёбӣ менамоем.

**Дуюм.** Дар миқёси ҷаҳон гузаштани ба иқтисодиёти карбони коҳишёфта бояд адолатнок, шаффоф ва инклюзив бошад. Ҳамзамон манфиатҳои мамлакатҳои рў ба тараққӣ ба инобат гирифта шавад.

Баррасии ин мушкилоти муҳим дар асоси доимӣ дар андозаҳои «Ҳафтгонаи калон» ва «Бистгонаи калон» мувофиқи мақсад аст.

**Сеюм.** Дар асоси резолютсияи Ассамблеяи генералии Созмони Милали Муттаҳид мо азм дорем, ки ҳавзаи Аралро аз минтақаи бухронии экологӣ ба «минтақаи инноватсия, технология ва имконоти нав» табдил диҳем.

Бинобар ин ба ҳамкории зич оид ба дар ин ҷо ба вуҷуд овардани Экспо-хаби байналхалқии технологияи иқлимӣ даъват менамоям.

**Чорум.** Дастовардҳои илм дар мубориза бар зидди тағйирёбии иқлим бояд васеъ истифода гардад.

Олимони маъруф ва экспертҳои мамлакатҳоятонро барои иштирок дар Анҷумани илмӣ оид ба иқлим, ки дар пойгоҳи «Донишгоҳи сабз», ки дар Тошканд ташкил мегардад, даъват менамоям.

Бовар дорам, ки ба рўзномаи ҳамоиш масъалаҳои бартарафсозии коҳиши хок, истифодаи оқилонаи об ва таъмини бехатарии озуқаворӣ дохил карда мешаванд.

**Панҷум.** Якҷоя бо Созмони Милали Муттаҳид ба нақша гирифтаем, ки соли 2024 дар Ўзбекистон дар мавзўи «Муҳоҷирати иқлимӣ» анҷуман баргузор намоем.

Инчунин якҷоя бо Созмони ҷаҳонии меҳнат таҳия намудани барномаи «Машғулоти сабз» ва барпо намудани Маркази корбастро пешниҳод менамоем.

Омода ҳастем, ки дар дараҷаи олӣ Анҷумани ҷавонони СОР-ро дар мамлакатамон ташкил намоем.

Дўстони муҳтарам!

Ўзбекистон ба ғояи умумии башарият оид ба мубориза бар зидди тағйирёбии иқлим моил боқӣ мемонад.

Бо ин мақсад шуморо даъват менамоям, ки ташаббусамонро дар бораи соли оянда дар Самарқанд барпо намудани Анҷумани байналхалқии иқлим ва қабули резолютсияи махсуси Созмони Милали Муттаҳид дастгирӣ намоед.

Бовар дорам, ки натиҷаи ҳамоиши имрўза барои минбаъд наздик намудани мамлакат ва халқҳои дўстамон дар роҳи ояндаи сайёраи босубот, шукуфон ва бехатар хидмат хоҳад кард.

Барои эътиборатон ташаккур.

# ҚАДАМҲОИ УСТУВОРИ ЯК БОНУИ СОҲИБКОР

Дар робита ба ривоҷ додани соҳибкорӣ дар саросари кишварамон корҳои хайре ба анҷом мерасанд, ки ташаббусҳои бевоситаи роҳбари давлат ба онҳо асос мегарданд.

Ҳукумати ҷумҳурӣ ояндаи неки кишварро дар рушди соҳаи соҳибкорӣ медонад ва онро яке аз омилҳои ҳаёти мунаввар, бозорҳои пур аз колову маҳсулоти ғизоӣ, эътидоли нарх ва зиёд гардидани ҷойҳои кории доимӣ мешуморад. Ин аст, ки барои рушди соҳибкорӣ майдони васеъ кушода, ба ҳуқуқи соҳибкорон беш аз пеш афзудааст. Президент соҳибкоронро такягоҳи боэътимоди худ шумурда, дар ҳар баромад аз фаъолияти бонизом ва дар доираи қонунҳои ҷории онҳо дифоъ мекунад. Дар саросари қаламрави кишвар шароите фароҳам гаштаанд, ки бешак ба рушди соҳибкорӣ такони назаррасе мерасонанд. Хоса, эътибори ҳукумат ба занону духтарони соҳибкор ҷудогона буда, онҳоро аз ҳар самт дастгирӣ мекунад. Тарҳҳои гуногуне, ки имрӯз пиёда мегарданд, ба кашф намудани истеъдодҳои ниҳон дар байни бонувон нигаронида шудаанд. Дар ихтиёри соҳибкорони навқадам кумакпулиҳои гуногун гузошта шудаанд ва ин иқдоми муҳим ба рушди фаъолияти онҳо мусоидат хоҳад намуд

Дар ин замина боз гардидани «Дафтари занон» дар маҳаллаҳо, ки чандин сол ба ин сӯ идома дорад, марҳилаи нахустин ва хеле муҳими кашфу ривоҷ додани истеъдодҳо дар байни занон мебошад. Маълум аст, ки қисмати бештари занҳои кишвари мо аз бекорӣ азият мекашанд ва набудани ҷойи кори доимиву мавсимӣ онҳоро водор месозад, ки хонашин бошанд. Ин вазъи ногувор онҳоро бештар ба дастнигарӣ мубаддал месозад. Ҳоло ҳукумат хушбин аст, ки аз байни занҳои бекор, ки дар феҳрасти «Дафтари занон»-и маҳалла меистанд, истеъдодҳои дурахшоне зуҳур кунанд ва бо фурӯғи худ боиси ободии ватан гарданд. Корҳои дар ин самт баанҷомрасида нахустин самари худро медиҳанд ва ин шаҳодатманди ояндаи неки чунин тарҳҳо мебошад.

Назар ба маълумоти омори расмӣ, дар вилояти Қашқадарё соли гузашта 60289 нафар зан ба рӯйихати «Дафтари занон» дохил карда шуда буд. Шумори чунин бонувон баъзан зиёд ва гоҳе кам мешаванд. Чунки қисмате аз онҳо бо кумаку раҳбаладии ҳукумати маҳаллӣ соҳиби шуғли алоҳидае мегарданд ва зуд аз феҳраст берун меоянд. Бояд қайд намуд, ки аз он миқдор занон, ки ба «Дафтари занон» шомил шудаанд, 483 нафарашон пас аз кумакҳои ҳукумат роҳи соҳибкориро пеш гирифтаву дар ин самт муваффақияти назаррасе ба даст овардаанд. Ин рақамҳо хеле хушҳолкунанда буда, интизор меравад, ки минбаъд ба сафи бонувони соҳибкор истеъдодҳои наве дохил хоҳанд шуд.

Гулсара Ҷалолова яке аз чунин бонувон ба шумор меравад, ки сокини шаҳри Қаршӣ буда, ду сол муқаддам дар феҳрасти «Дафтари занон» қарор дошт. Вай ва шавҳараш аз набудани кори доимӣ азият медиданд ва барояшон кашидани бори сангини рӯзгор хеле мушкил буд. Гулсара Ҷалолова, ки худ андак аз асрори дӯзандагӣ огоҳ буд, бо нишондоди пешбари кори занони маҳаллаи зисти худ дар курси кӯтоҳмуддати дӯзандагӣ хонд ва дере нагузашта, нозукиҳои ин пешаро мукаммал азхуд намуд. Бо нишондоди ёвари ҳокими шаҳри Қаршӣ аз бонк ба миқдори 33 миллион сӯм қарзи баимтиёз гирифт ва 5 дастгоҳи дарздӯзӣ харид. Қадамҳои нахустини соҳибкории худро гузошта, ҳоло ба муваффақияти назаррасе ноил гардидааст.

Соҳибкори ҷавон аз он хурсанд аст, ки ҳукумат барои оғози кори ӯ маблағи зарурӣ ҷудо кард ва ӯ тавонист онро бо мақсад сарф намудаву ба коргоҳи хурди дӯзандагие асос гузорад. Вай гуфт:

– Дар байни бонувони хонашин истеъдодҳои дурахшон кам нестанд. Истеъдоди соҳибкории ӯ низ аз назарҳо пинҳон буд. Ташаккур ба роҳбари давлат, ки тарҳҳои алоҳидае роҳандозӣ намудаву аз байни занҳои хонашин соҳибони истеъдодро рӯйи об мебарорад.

Гулсара Ҷалолова ҳоло ба дӯхтани либосҳои хушсифати мардона машғул аст. Аз ҷониби тоҷирони маҳаллӣ фармоише дарёб намуда, ба омода сохтани либосҳои кӯдакону наврасон низ шарафёб гардидааст. Маҳсулоти баровардааш дар бозорҳои атроф харидорони худро доранд. Соҳибкори ҷавон аз ҳисоби даромади худ 8 дастгоҳи дигари дӯзандагӣ харидаву дар коргоҳ ҷойгир кардааст. Дар натиҷа 20 ҷойи кории иловагӣ пайдо шуда, ҳамин миқдор занони бекорро бо ҷойи шуғли доимӣ таъмин намуд.

– Ҳоло ба дӯхтани либосҳои мардонаву занонаи зимистонӣ машғулем ва ин маҳсулотро ба бозорҳои дохилӣ баровардаву мефурӯшем. Ҳамин тавр, аз пайи ҳамин пеша оиларо таъмин месозем, – бо хушнудӣ гуфт апаи Гулсара.

Ин бонуи соҳибкор ният дорад, ки дар оянда коргоҳи дӯзандагии худро васеъ созад ва аз имкониятҳои фаровоне, ки ҳукумат барои ривоҷи ин соҳа пешбинӣ намудааст, мукаммал истифода кунад.

Хонум Гулсара мегӯяд, барои ободии Ӯзбекистони Нав ҳиссаи арзандаи худро хоҳад гузошт.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти Қашқадарё.**

# НАТИҶАИ ҲАМОИШИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ОЯНДАИ ҲАРЧИ СУБОТНОК, ШУКУФОН ВА БЕХАТАРИ САЙЁРААМОНРО ТАЪМИН МЕНАМОЯД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Дар солҳои охир дар мамлакатамон саҳми истеҳсоли энергияи муқобил ду баробар афзуд. Бинобар суханони роҳбари давлат, то ба соли 2030 иқтидорҳо оид ба тавлиди 25 гигаватт электроэнергияи барқароргарданда ба вуҷуд оварда мешавад. Аллакай аввалин қадамҳои амалӣ доир ба татбиқи лоиҳаи истеҳсоли водороди «сабз» гузошта шудааст.

Ғайр аз ин, дар доираи ташаббуси «Макони сабз» дар Ӯзбекистон 1 миллиард бех ниҳол шинонда мешавад. Ба туфайли мавзеъҳои бутазор дар майдони умумии 2 миллион гектар дар қаъри баҳри Арал олудашавии ҳаво дар ҳавзаи Арал кам мегардад.

Пешвои Ӯзбекистон дар бобати масъалаҳои рӯзномаи асосии маҷлис чандин пешниҳод намуд.

Аз он ҷумла, Президентамон бобати ҳарчи зудтари ҳамоҳангсозии Механизми чорчӯбаи ҷаҳонӣ дар бобати Мутобиқсозӣ ба тағйироти иқлим дар доираи Қарордоди Париж изҳори назар кард.

Ба ин маънӣ Стратегияи мутобиқгардонии таҳияшаванда дар пойгоҳи гуфтугӯ оид ба иқлими Осиёи Марказӣ таъкид гардид.

Роҳбари давлат қарорро дар бораи ба вуҷуд овардани Фонди ҷаҳонии «талаф ва зарар», ки ба қарибӣ қабул гардид, олӣ арзёбӣ намуд.

Дастгирии фаъолонаи ин механизмҳо аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ ва институтҳои байналхалқии молиявӣ имкон медиҳад, ки пеш аз ҳама ба мамлакатҳое, ки аз тағйир ёфтани иқлим ранҷ мекашанд, кумаки назаррас расонда шавад.

Таъкид шуд, ки дар миқёси ҷаҳонӣ гузаштан ба иқтисодиёти карбони кохишёфта бояд адолатнок, шаффоф ва инклюзив буда, ҳатман манфиатҳои мамлакатҳои рӯ ба тараққиро ба инобат бигирад.

Пешниҳод шуд, ки ин масъалаи муҳим дар асоси доимӣ, аз он ҷумла, дар доираи ҳамоишҳои «Ҳафтгонаи калон» ва «Бистгонаи калон» баррасӣ гардад.

Бо мақсади ба Минтақаи инноватсия, технология ва имконоти нав табдил додани ҳавзаи Арал, роҳбари давлатамон ҳамаро ба ҳамкории зич дар бобати дар ин минтақа ба вуҷуд овардани Экспо-хаби байналхалқии технологияи иқлим бо мақсади корбаст намудани дониш, таҷриба ва қарорҳои пешқадам даъват намуд.

Ғайр аз ин, Президент роҳандозии табодули фаъолонаи илмӣ ва гузарондани тадқиқотҳои муштаракро дар пойгоҳи Форуми илмии иқлимӣ, ки дар пойгоҳи «Донишгоҳи сабз» ба вуҷуд оварда мешавад, бо ҷалб намудани олимони пешқадам ва экспертҳои мамлакатҳои хориҷӣ таклиф намуд.

Ба рӯзномаи маҷлиси анҷуман масъалаҳои муҳими бартарафсозии вайроншавии хок, истифодаи оқилонаи об, таъмини кафолатноки бехатарии озуқаворӣ ва ғайра дохил карда мешавад.

Ҳамзамон, якҷоя бо Созмони Милали Муттаҳид соли 2024 дар Ӯзбекистон баргузор намудани анҷуман дар мавзӯи «Муҳоҷирати иқлимӣ» ба нақша гирифта шудааст.

Роҳбари давлатамон инчунин ташаббусро дар бобати якҷоя бо Созмони байналхалқии меҳнат таҳия намудани барномаи «Машғулоти сабз», инчунин ба вуҷуд овардани Маркази корбасти таъсири тағйироти иқлим ба шуғлро пеш гузошт.

Бо мақсади фаъолона ҷалб намудани ҷавонон ба ҳалли босамари мушкилоти иқлим омодагӣ барои ташкили Анҷумани ҷавонони СОР изҳор гардид.

Моилии Ӯзбекистонро ба ғояи умумии башарият дар бораи мубориза бар зидди тағйироти иқлим тасдиқ намуда, роҳбари давлатамон даъват намуд, ки соли оянда дар Самарқанд баргузор намудани Анҷумани байналхалқии иқлим ва қабул намудани резолютсияи махсуси Ассамблеяи генералии СММ дастгирӣ карда шавад, ки бархурдҳои умумии мамлакатҳои Осиёи Марказиро инъикос менамояд.

Дар поёни суханронии худ Президент Шавкат Мирзиёев бори дигар изҳори бовар намуд, ки натиҷаҳои ҳамоиши Дубай барои минбаъд наздик гардидани тамоми мамлакат ва халқҳо дар роҳи сайёраи босубот, шукуфон ва бехатари оянда хидмат менамояд.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар ҳошияи Ҳамоиши ҷаҳонӣ оид ба иқлим бо президенти Бонки таҷдид ва тараққиёти Аврупо Одил Рено-Бассо, Шоҳи Малайзия Султон Абдулло Риаёддун Ал-Мустафоӣ Билаҳ Шоҳ, Президенти Муғулистон Ухнаагийн Хурэлсух, Президенти Туркия Реҷеп Таййип Эрдоған, Президенти Индонезия Ҷоко Видодо, муовини Котиби генералии СММ, котиби иҷроияи Конвенсия оид ба мубориза бар зидди биёбоншавӣ Иброҳим Тиау, Сарвазири Ҷумҳурии Ҳиндустон Нарендра Модӣ мулоқотҳо анҷом дод.

Дар мулоқот бо президенти Бонки аврупоии таҷдид ва рушд масъалаҳои кунунии тавсеаи ҳамкориҳои амалӣ бо ин ниҳоди бонуфузи молиявӣ баррасӣ гардид.

Сарвари давлат дар оғози мулоқот ба натиҷаҳои пурсамари ҷаласаи Шӯрои идоракунандагони БАТР дар моҳи майи соли ҷорӣ дар Самарқанд баҳои баланд дод.

Бо камоли қаноатмандӣ қайд карда шуд, ки сармоягузориҳои бонк дар кишвари мо аз 3,5 миллиард евро гузашта, дар ин бобат ба ҳиссаи бахши хусусӣ 60 фоизи портфели лоиҳа рост меояд.

Изҳори боварӣ карда шуд, ки Стратегияи шарикии кишвар, ки таҳия шуда истодааст, имкон медиҳад, сифат ва миқёси ҳамкориҳо, пеш аз ҳама дар самтҳои рушди соҳибкории хурду миёна, соҳибкории занон, ҷорӣ намудани механизмҳои шарикии давлатию хусусӣ, хусусигардонӣ дар сектори бонкӣ, нав кардани системаҳои ирригатсионӣ, рушди инфрасохтори роҳ ва дигар соҳаҳои саноат ба таври назаррас баланд бардошта шавад.

Ба масъалаҳои густариши ҳамкориҳо дар доираи татбиқи барномаи рушди энергияи барқароршаванда дар кишвари мо таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид.

Масъалаҳои омодагӣ ба ҷаласаи навбатии Шӯрои сармоягузорони хориҷӣ дар соли оянда низ баррасӣ шуданд.

Дар рафти мулоқот бо Шоҳи Малайзия Султон Абдулло Риоятуддин Ал-Мустафо Билоҳ Шоҳ масъалаҳои рушди минбаъдаи муносибатҳои Ӯзбекистону Малайзия, пеш аз ҳама дар соҳаи иқтисодӣ баррасӣ шуданд.

Вусъат ёфтани робитаҳои дутарафа бо қаноатмандӣ қайд карда шуд.

Ҳаҷми муомилоти моли мутақобила афзоиш ёфта, лоиҳаҳои ҳамкорӣ дар бахшҳои гуногуни иқтисодиёт, инчунин барномаҳо дар соҳаи сайёҳии зиёратӣ амалӣ мегарданд.

Бо мақсади пур кардани рӯзномаи шарикӣ бо мазмуни мушаххаси амалӣ дар бораи баргузории ҷаласаи Комиссияи байниҳукуматӣ ва форуми муштараки соҳибкорон дар соли оянда тавофуқ ҳосил шуд.

Бо Президенти Муғулистон Ухнаагийн Хурэлсух масъалаҳои кунунии рушди минбаъдаи муносибатҳои дӯстии анъанавӣ ва ҳамкории бисёрҷанбаи Ӯзбекистону Муғулистон баррасӣ шуданд.

Ба татбиқи амалии созишномаҳои сатҳи олӣ, ки дар мулоқоти моҳи сентябри соли гузашта дар Самарқанд ҳосил шуда буданд, таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шуд.

Динамикаи мусбати савдои мутақобила бо қаноатмандӣ қайд карда шуд. Барои кооператсия дар соҳаҳои чорводорӣ, хӯроквори, чарм, кишоварзӣ, бофандагӣ ва дигар соҳаҳои саноат имконияту иқтидори калон вуҷуд доранд.

Ба такмили заминаи шартномавиву ҳуқуқӣ дар чунин соҳаҳо ба мисли нақлиёти автомобилӣ ва ҳавоӣ, табодули сайёҳон, таҳкими робитаҳои байнимининтақавӣ ва фарҳангию гуманитарӣ изҳори ҳавасмандӣ карда шуд.

Мувофиқа шуд, ки ҷаласаи аввали Кумитаи муштараки байниҳукуматӣ ва Шӯрои соҳибкорон соли оянда баргузор шавад.

Гуфта шуд, ки бинобар натиҷаҳои ин мулоқот “харитаи роҳ” оид ба тавсеаи минбаъдаи ҳамкориҳои мутақобилан судманд қабул карда мешавад.

Дар рафти мулоқот бо Президенти Ҷумҳурии Туркия Реҷеп Таййип Эрдоған масъалаҳои мубрами густариши минбаъдаи шарикии ҳамаҷонибаи стратегӣ ва пешбурди лоиҳаҳои муштараки сармоягузорӣ баррасӣ шуданд.

Ба татбиқи амалии созишномаҳо, ки қаблан дар сатҳи олӣ ба даст омадаанд, эътибори алоҳида дода шуд.

Ҷадвали чорабиниҳои оянда дар сатҳи олӣ, аз он ҷумла, баргузор намудани ҷамъомади навбатии Шӯрои ҳамкории стратегии Ӯзбекистону Туркия баррасӣ гардид.

Дар мулоқот бо Президенти Индонезия Ҷоко Видодо масъалаҳои рушди минбаъда ва амиқсозии муносибатҳои бисёрҷанбаи Ӯзбекистону Индонезия баррасӣ шуданд.

Фаъолшавии мубодилаи мутақобила дар тамоми сатҳҳо ва динамикаи баланди рушди гардиши молии дуҷониба бо қаноатмандии хоса қайд карда шуд.

Манфиатдории тарафайн ба андешидани тадбирҳои ҳамоҳангшуда ҷиҳати тавсеаи ҳамкориҳои судманд, аз ҷумла тавассути қабули «харитаи роҳ» дар соҳаи иқтисод изҳор карда шуд.

Дар рафти мулоқот бо муовини Котиби генералии Созмони Милали Муттаҳид, котиби иҷроияи Конвенсия оид ба мубориза бо биёбоншавӣ Иброҳим Тиау натиҷаҳои пурсамари иҷлосияи 21-уми Кумитаи иҷрои Конвенсияи СММ оид ба биёбоншавӣ, ки моҳи гузашта дар Самарқанд бо иштироки ҳайатҳои зиёда аз 130 кишвари ҷаҳон, инчунин роҳбарони созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ баргузор гардид, бо қаноатмандии амиқ қайд карда шуд.

Аҳамияти якҷоя пеш бурдани масъалаи қабули Декларатсияи Самарқанд оид ба тӯфонҳои чангу рег ҳангоми конфронси конвенсия дар Арабистони Саудӣ дар моҳи декабри соли 2024 қайд карда шуд.

Имкониятҳои ҳамкориҳои илмӣ ва тадқиқот дар заминаи Донишгоҳи Осиёи Марказӣ оид ба тағйирёбии иқлим дар шаҳри Тошканд баррасӣ шуданд.

Масъалаҳои рушди минбаъдаи ҳамкории бисёрҷониба ва мутақобилан судманд байни ду кишвар дар мулоқот бо Сарвазири Ҷумҳурии Ҳиндустон Нарендра Модӣ баррасӣ шуданд.

Ба амиқсозии ҳамкорӣ ва татбиқи барномаҳои муштарак дар соҳаи технологияи коммуникатсионӣ, дорусозӣ, илм ва таълим, тандурустӣ, тиббиёти анъанавӣ ва йога эътибори алоҳида нигаронда шуд.

Роҳбари давлатамон дар ҳошияи ҳамоиш инчунин бо Президенти Қазоқистон Қосим-Ҷомарт Тоқаев, Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Қирғизистон Садир Ҷапаров, Президенти Фаронса Эммануэл Макрон, Сарвазири Ҷопон Фумио Кисида, Президенти Черногория Мило Жуканович, Ноиб-президент, Сарвазири Аморати Муттаҳидаи Араб, ҳокими Аморати Дубай Муҳаммад бин Рашид Ал-Мактум, Ноиб-президенти Аморати Муттаҳидаи Араб шайх Мансур Ол-Наҳаён, шоҳзодаи валиаҳди Аморати Дубай Ҳамдан бин Муҳаммад Ол-Мактум, президенти Федератсияи байналхалқии ассотсиатсияҳои футбол (ФИФА) Ҷанни Инфантино ва роҳбарони чандин давлат ва ташкилотҳои дигари байналхалқӣ суҳбат намуд.

Сафари кории Президенти Ӯзбекистон ба Аморати Муттаҳидаи Араб идома дорад.

**ЎзА.**

# МАНБАИ ДАРОМАДИ ҲУНАРМАНДОНИ РИШТОНӢ БЕШТАР АЗ ҲИСОБИ КУЛОЛГАРИСТ



***Риштон яке аз қадимтарин шаҳрҳои водии Фарғона буда, дар Роҳи бузурги абрешим қарор гирифтааст. Дар асрҳои миёна Риштон ба ҳайси шаҳристоне дар чорроҳаи корвонгузар, аз як сӯ байни Чину Ҳинд ва аз сӯйи дигар байни Эрону Ховари Миёна ҷойгузин буда, барои ҳамин ҳамчун маркази тиҷорат маълуму машҳур гашта, ба ин ҷо аз кишварҳои гуногун тоҷирон меомадаанд ва баъди фурӯши молу мавод бо худ маҳсулоти кулолгариро мебурдаанд. Хосатан, мардуми Риштон дар маҳаллаҳои Даҳбед, Чиннигарон, Кӯзагарон, Кулолон ва амсоли он аз замонҳои қадим ба ин касбу кор машғул шуда, ба рушду такомули истеҳсоли маҳсулоти сафолин саҳми босазо гузоштаанд.***

Ҳатто имрӯзҳо низ Риштони куҳанбунёд мунтазам меҳмонони зиёди хориҷиро аз қораҳои гуногуни олам пазироӣ мекунад ва ин бесабаб нест. Маҳсулоти дастони мӯъҷизакору мӯъҷизаофари риштониён, ки аллакай дар чаҳор иқлим маълуму машҳур гардидааст, беш аз пеш таваҷҷуҳи хориҷиёнро ба худ ҷалб менамояд. Аз ин ҳисоб даромади кулолон меафзояд ва зиндагии онҳо фаровон мегардад.

Дар ҳошияи Фестивали байналмилалии ҳунармандии Қӯқанд, ки чанде муқаддам баргузор гардида буд, меҳмонони зиёд ба Маркази кулолгарии Риштон ташриф оварданд.

– Санъати кулолгарии Риштон таърихи беш аз ҳазорсола дорад. Ҳоло барои ҳар як хонаводае, ки ба ҳунари кулолгарӣ машғул аст, шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Шокирҷон Аҳмадҷонов, ки аз зумраи устоёни санъати кулолгарӣ мебошад, аллакай аз ҳисоби содироти маҳсулоти худ даромади зиёд ба даст овардаву корхонаи истеҳсолии худро беш аз пеш тавсеа медиҳад, – гуфт ҳокими ноҳияи Риштон Баҳодурҷон Холиқов.

– Таъсиси ин марказ, ки бо ибтикори сарвари давлатамон рӯйи кор омадааст, дорои тамоми шароит мебошад. Он орзуи ҳазорсолаи кулолгарони риштонӣ буд, ки маҳз дар давраи истиқлол бунёд гардидаву тамоми аҳли ҳунари кулолгариро дар худ таҷаммӯъ додааст. Сохтмони ин маҷмӯъ натиҷаи таваҷҷуҳи бузурги мақомоти мамлакат нисбати кулолгарон мебошад. Мо бояд тарзе анъанаҳои гузаштагони ин марзу буми ҳунарзову ҳунарпарварро давом диҳем, ки барои коромӯзии ҷавонони имрӯза ва фаровон шудани ҳаёти онҳо ҷиддан мусоидат намояд, – тазаккур медиҳад Баҳодурҷон Холиқов. – Яке аз дастовардҳои муҳим дар ин соҳа муаррифии бренди ҳунарҳои миллии мардуми мо барои ҷаҳониён аст.

Ҳоло ин марказ ба маскани омӯзишу парвариши кулолгарони оянда табдил ёфтааст. Дар ин ҷо мисли Арбоби шоистаи санъати Ӯзбекистон, академик Шарофиддин Юсуфов, Алишер Назиров ва дигар ҷавонон аз гирду атроф омада ба таври ройгон ҳунар меомӯзанд. Устоёнашон ба онҳо асрори кулолгарии суннатиро ёд медиҳанд ва дар барқарор намудани навъҳои гумшудаи ин навъи санъат гомҳои ҷиддӣ мебардоранд.

– Дар маҷмӯъ беш аз ҳафтод соли умрамро ба касбу ҳунари кулолгарӣ бахшидам. Агар дар гузаштаи начандон дур одамони зиёд ба писари кулол духтарони худро барои арӯсӣ намедоданд, ҳоло акси ин ҳол мушоҳида мегардад. Чунки дар мамлакати мо барои рушду такомули санъати кулолгарӣ тамоми шароит фароҳам оварда шудааст ва аксари кулолони риштонӣ аз ҳисоби даромади худ сарватманд шудаанд. Ҳар кадом ғайр аз он ки хонаҳои наву барҳаво сохтаанд, соҳиби мошинҳо низ мебошанд. Ин ба гуфтан осон аст, – гуфт Шарофиддин Юсуфов.

Ба гуфтаи ӯ ҳанӯз соли 1950 падараш дар ҳавлии худ корхонаи кулолгарӣ сохтааст ва он ҷо тақрибан 40 нафар машғули истеҳсоли маҳсулоти кулолгарӣ шудаанд. Шарофиддин Юсуфов намояндаи насли ҳафтуми сулолаи кулолгарон мебошад. Асарҳои нодири ин кулол дар осорхонаҳои гуногуни мамлакат, инчунин мамолики хориҷӣ, аз ҷумла, Осорхонаи санъати Шарқи Маскав, Осорхонаи мардумшиносии Санкт-Петербург, Эрмитаж, коллексияҳои Эстония ва амсоли он нигаҳ дошта мешаванд.

Алишер Назиров ва бародари ӯ Бахтиёр ба бештар аз 200 нафар шогирд ин ҳунарро ёд додаанд ва ҳамеша дар такомули касби кулолгарӣ саҳми хешро мегузоранд. Алишер ба он аҳамият равона кардааст, ки аз оилаҳои камбизоати Риштон шогирдонро ҷалб намояд, то ки онҳо баъди андак вақт аз ҳисоби даромади ин касб аъзои хонаводаашонро хӯрондаву пӯшонанд.

Ба наздикӣ аз суҳбат бо раҳбари кластери кулолии «Мингбошӣ керамик» Шокирҷон Аҳмадҷонов дарёфтам, ки бо ширкати амрикоии «Даймонд инк» ба маблағи панҷ миллион доллар созишнома ба имзо расидааст. Аллакай як қисми маҳсулот то ба Амрико расидааст, ки маблағи умумии он ҳудуди 80 ҳазор долларро ташкил мекунад. Содир намудани маҳсулоти сафолин дар айни ҳол ба кулолони риштонӣ хос мебошад. Онҳо тарзу усулҳои беҳтарини сохтани зарфҳои гуногунро фикр карда мебароранд, ки яке аз дигаре пурҷилову пурҷозиба ва мавриди таваҷҷуҳи харидорон қарор мегирад. Аз ҷумла, Алишер ва Бахтиёр кайҳо маҳсулоти худро ба мардуми кишвари офтоббаро – Ҷопон дастрас намудаву онҳоро ба мизоҷони доимии худ табдил додаанд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

*Ёдбуд*

# УСТОД, АДИБ ВА ОЛИМ

Имсол ба таваллуди яке аз фардони баруманди Самарқанд – адиб, адабиётшинос, Арбоби шоистаи илми Ўзбекистон, профессор Раҳим Раҷабович Муқимов 100 сол пур мешавад.

Раҳим Муқимов моҳи декабри соли 1922 дар маҳаллаи Хоҷа Зудмуроди шаҳри Самарқанд, дар хонадони фарзанди Муқими наҷҷор – Раҷаббой, ба дунё омадааст.

Бобои ў Муқим, ки ҳамчун устои дуредгар ва маърифатпарвар шинохта шуда буд, ба бунёди мактабҳои нав саҳми арзанда гузоштааст. Ҳанўз ҳамон вақтҳо мардум бо эҳтироми хоса чунин сатрҳоро замзама мекарданд:

*Усто Муқими наҷҷор,*
*Курсиҳо карда қатор.*
*Дар дабистонҳои нав,*
*Шогирдонро интизор.*

Раҳими ташнаи илм баъди хатми синфи ҳафтуми мактаби миёнаи умумӣ ба техникуми мардонаи ба номи Сталин (дертар омўзишгоҳи омўзгори ба номи Макаренко) дохил шуд. Дар ин маскани маърифат аз Ҳабиб Юсуфӣ, Раҳмон Эгамбердиев барин омўзгорон таълим гирифта, меҳраш ба омўхтани забон ва адабиёт зиёдтар гардид. Ҳамон солҳо, аниқтараш соли 1937 ба шарафи солгарди таваллуди шоири рус Пушкин, «Салом Пушкин!» ном нахустин шеъри ў нашр гардида, диққати аҳли адабро ба худ кашида буд.

Муқимов баъди хатми омўзишгоҳ ба факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Ўзбекистон дохил шуд. Ў дар ин ҷо аз донишмандони забон ва адабиёт Абдураҳмон Саъдӣ, Абдулло Сулаймонов ва чанде дигарон сабақ гирифт ва баъди бо дипломи аъло хатм намудан таҳсилро дар аспирантура давом дода, таҳти роҳбарии устод Садриддин Айнӣ, ки он вақт мудири кафедраи адабиёти ўзбеки Донишгоҳи давлатии Ўзбекистон ба номи Алишер Навоӣ (ҳоло Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов) буд, дар мавзўи «Муҳаммадшариф Гулханӣ ва асари тамсилии ў «Зарбулмасал» рисолаи номзадӣ ҳимоя намуда, дар донишгоҳ ба ҳайси дотсент фаъолияти омўзгории худро давом дод.

Фаъолияти минбаъдаи Муқимов бо донишгоҳи мазкур ҳамбастагӣ дошта, дар ин ҷо беш аз 50 сол ба шогирдон аз адабиёт дарс дод ва ҳамзамон бо корҳои илмӣ ва эҷодӣ машғул шуд.

Истеъдоди ташкилотчигӣ ва маҳорати кордонии Муқимовро ба эътибор гирифта, маъмурияти университет ўро декани факултети филология таъин кард, ки ў дар ин вазифа солиёни зиёд кор карда, барои равнақи илму таълим хидматҳои шоиста кард.

Диққати Муқимовро инкишофи адабиётҳои миллӣ ва робитаҳои адабӣ бештар ба худ мекашиданд ва бо саъю эҳтимоми ў дар барномаҳои таълимии донишкадаҳои филологӣ фанни робитаҳои адабӣ дохил гардида, барнома ва китоби дарсиро доир ба ин фан худаш навишт.

Масъалаи робитаҳои адабии халқҳои аз азал бо ҳам дўсту бародар – тоҷику ўзбек, махсусан ҳамбастагии онҳо дар инкишофи жанрҳои ҳаҷвӣ асоси рисолаи докторӣ ўро ташкил додаанд, ки он соли 1973 дар Душанбе ҳимоя шуд.

Муҳаққиқи серсоҳаи адабиёт солиёни зиёд ҳамчун мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷик ва баъди таъсис ёфтани факултети филологияи тоҷик ҳамчун сарвари ин факултет дар кори ба воя расонидани садҳо нафар омўзгорони забон ва адабиёти тоҷик ва як зумра олимони илми суханшиносӣ ва адибони тоҷик саҳми арзанда гузошт.

Бо саъю эҳтимоми ў бахри хондани маърўзаҳо оид ба фанҳои ҷудогона ба донишҷўёни факултети филологӣ донишмандони мактабҳои олии Маскав, Санкт-Петербург, Душанбе, Тошканд, Ереван ва ғайра аз қабили И. С. Брагинский, А. Н. Болдирев, А. З. Розенфелд, М. Налбандян, А. Мирзоев, Н. Маъсумӣ, Б. Ниёзмуҳаммадов, А. Шариф, А. Тоҳирҷонов, Т. Зеҳнӣ, Р. Ҳодизода, Х. Мирзозода, А. Маниёзов, Б. Сиёев, М. Файзов ва дигарон даъват карда шуданд.

Устод Муқимов истеъдоди донишҷўёни соҳибистеъдодро сари вақт пай бурда, ба рушду камоли фаъолияти илмиву эҷодии онҳо эътибори хоса медод. Маҳз бо ташаббуси ў дар донишгоҳ журнали дастнависи «Адабиётчии ҷавон» таъсис ёфта, бисёр адибон ва олимони оянда нахустин шеъру ҳикоя ва мақолаҳои илмии худро дар саҳифаҳои ин маҷалла эълон мекарданд. Бо ташаббуси ў ва дастгирии академик Воҳид Абдулло, ки он солҳо ректори донишгоҳ буд, дар Донишгоҳи давлатии Самарқанд Шўрои илмӣ доир ба ҳимояи рисолаҳои номзадӣ аз забон ва адабиёти тоҷик ташкил ёфт, ки дар муддати кўтоҳ дар маҷлисҳои он беш аз 30 нафар олимон аз Самарқанд, Бухоро, Тошканд, Душанбе, Хуҷанд рисолаҳои номзадии худро ҳимоя намуданд.

Устод Муқимов аъзои «Комитети Айнӣ» ва яке аз ташаббускорони таъсиси маҷлисҳои «Солонаи Айнӣ» буд ва бо талоши ў хонаи Устод Анйӣ, воқеъ дар кўчаи Регистони Самарқанд, аз вайрон кардан эмин монда, ба «Осорхонаи Устод Айнӣ» табдил дода шуд, ки ҳоло он дар харитаи ҷойҳои адабии Самарқанд мавқеи хоса дошта, зиёратгоҳи сайёҳони ватаниву хориҷӣ гардидааст.

Бо маслиҳату дархости ў нависандаи ин сатрҳо дар якчанд анҷумани илмӣ иштирок дошт.

Раҳим Муқимов яке аз ташаббускорони ташкили гуфторҳои тоҷикии радиои вилояти Самарқанд, аъзои шўрои мушовирони рўзномаи навбунёди «Овози Самарқанд» ва чанд муддат раиси шуъбаи самарқандии Иттифоқи нависандагони Ўзбекистон, раиси шуъбаи самарқандии кормандони театр буд.

Ў дар давоми умри пурмаҳсули худ зиёда аз сӣ номгўй китоби илмӣ, беш аз 500 мақолаи илмӣ, тақризу мақолаҳои публисистӣ нашр намудааст, ки дар байни онҳо рисолаҳои «Муҳаммадшариф Гулханӣ», «Драматургияи Ҷалол Икромӣ», «Собир Абдулло», «Инкишофи жанрҳои ҳаҷву мазҳака дар адабиёти тоҷику ўзбек» ва ғайра мақоми арзанда доранд. Шеъру ҳикоя ва драмаҳои ў дар китобҳои «Алломаи Хуросон», «Фарёди Умари Хайём» гирд оварда шудаанд. Ў чандин шеъру достонҳои муаллифони тоҷикро ба ўзбекӣ гардонидааст ва асарҳои адибони ўзбекро ба забони тоҷикӣ тарҷума ва нашр кардааст.

Ба туфайли нуфузи баланд доштани дўстии ахлоқ, тарбияи байналмилалӣ ва мавқеи хоса доштани робитаҳои адабӣ ва фарҳангӣ дар байни халқҳои эътибор ба таълими адабиётҳои халқҳои СССР низ вусъат пайдо карда, дар аксар Донишгоҳҳои мамлакат кафедраи «Адабиёти халқҳои СССР» таъсис ёфт. Аз ҷумла, чунин кафедра соли 1974 дар Донишгоҳи давлатии Самарқанд низ таъсис ёфта, мудири он Муқимов таъин шуд ва то пош хўрдани Иттиҳоди Шўравӣ ва барҳам хўрдани ин кафедра (соли 1990) ў дар ҳамин вазифа буд.

Раҳим Муқимов ҳанўз солҳои 50-уми асри гузашта ҳамчун адабиётшинос, мунаққид, тарҷумон ва тарғибгари адабиёти халқҳои гуногуни Иттиҳоди Шўравӣ шинохта шуда, ба узвияти Иттифоқи нависандагони СССР пазируфта шуда буд. Раҳим Муқимов ҳамчун шоир маҷмўаи шеърҳояшро бо унвони «Фарёди Умари Хайём» нашр карда, ҳамчун насрнавис романи «Мутеи тақдирнашудагон»-ро манзури хонандагон карда буд. Драмаҳои «Садоқат» ва «Алломаи Хуросон» дар саҳифаи журналҳои адабӣ нашр шуда, ба саҳнаи театрҳо гузошта шудаанд. Ў романи Ҷалол Икромӣ ва Ҳабибулло Назаров «Саргузашти Сафармахсум», достони Мирзо Турсунзода «Ҷони ширин»-ро аз тоҷикӣ ба ўзбекӣ, драмаи А.Болдирев ва В. Иванов «Алишер Навоӣ»-ро аз русӣ ба забони ўзбекӣ, шеърҳои Ғафур Ғулом, Ҳамид Олимҷон, ҳикояҳои Абдулло Қаҳҳорро ба тоҷикӣ тарҷума кардааст.

Раҳим Муқимов ҳангоми дар қайди ҳаёт буданаш гули сари сабади маҳфилҳои илмию адабӣ буд. Олимону адибоне, ки аз ҳар кишвару вилоят ба Самарқанд меомаданд, меҳмони осорхонаи Гулханӣ мешуданд. Ёдам ҳаст, ки шарқшиноси маъруфи чех Иржи Бечкаро бо Раҳим Муқимов дар ин хонадон ҳамроҳӣ карда будам. Дар ҳамин ҷо бо адибону олимон Фотеҳ Ниёзӣ, Шавкат Ниёзӣ, Ҷалол Икромӣ, Назармат, Ҷонибек Қувноқ, Эркин Самандар, Нормурод Нарзуллоев, Маъруф Ҷалил, Ҳулкар Олимҷонова, Ойдин Ҳоҷиева, Бибисоро Туробова, Душан Файзӣ, Болта Ортиқзода, Салим Кенҷа, Ғафурҷон Маҳмудов ва боз чанде дигар аҳли фарҳангу адаб дар базмҳои шеъру наво, сайри гулбоғ иштирок кардаам, ки ҳамеша Муқимов суҳбаторои ин вохўриҳо буд.

Ногуфта намонад, ки нашри китобҳои Ориф Гулханӣ ва фарзанди эҷодкори ў Олимҷон Орифӣ, хотираҳо, тадқиқотҳо, таъсиси боғҳавлии шоир ба сифати музей, аз ҷониби набераи шоир, марди фарҳангдўст ва маърифатпарвар Муқимҷон Олимзодаи Орифӣ гузаронидани тадбирҳои хосаи фарҳангию адабӣ, ташрифи меҳмонони ватанию хориҷӣ – ин ҳама самараи заҳмати Раҳим Муқимов оиди Ориф Гулханӣ мебошад, ҳамчун тадқиқотгари муҳити адабии Самарқанд ва эътибори хоса ба Ориф Гулханӣ ва эҷодиёти ў буданд.

Баъди пош хўрдани Иттиҳоди Шўравӣ ва давлати соҳибистиқлол шудани Ўзбекистон Раҳим Муқимов сафоратхонаи Ўзбекистон дар Русия ба вазифаи ҷонишини сафир оид ба масъалаҳои фарҳангӣ ба хидмат даъват шуд. Ба ин сабабҳо Раҳим Муқимов назди писари ягонааш – Марат Муқимов дар Маскав монд ва то поёни умраш дар ин ҷо монда, соли 2000 аз олам чашм пўшид ва ҷисмашро дар қабристони мусулмонони Маскав ба хок супориданд.

Хидматҳои Р. Муқимов дар инкишофи илм ва адабиёт қадршиносӣ карда шуда, ў бо унвони ифтихории Арбоби шоистаи илми Ўзбекистон ва як қатор нишонҳо сарфароз гардонида шудааст.

Гарчанд аз фавти устод чанд сол сипарӣ шудааст, лекин хидматҳои беназири ў дар рушду камоли илму адабиёт, фарҳангу маърифат аз хотири шогирдон ва онҳое, ки устодро ба хубӣ медонистанд ҳеҷ гоҳ намеравад. Имрўзҳо анъанаҳои ўро шогирдонаш идома дода, руҳи покашро шод гардонида истодаанд. Манзили охираташ обод бод.

**Аслиддин ҚАМАРЗОДА,**
**профессори Донишгоҳи байналхалқии технологияи Самарқанд.**

# ПАНҶСАД СОЛИ ПУРСАМАРИ МИРИ АРАБ



Дар Бухоро масҷиду мадрасаҳо бисёр. Навъе ба ҳамаамон маълум, дар давраи низоми собиқ баробари масҷиду мадорис китобхонаҳоро низ бастанд, мақобиру даргоҳҳои муқаддас зери по карда шуд, ҳатто работу сардобаҳоро аз байн бардоштанд. Баъде давлатамон ба истиқлол даст ёфт, зиёратгоҳ ва обидаҳои меъморӣ ба таъмир фаро гирифта шуданд. Чопи китобҳои таърихӣ, маърифатӣ ва динӣ ба роҳ гузошта шуд.

Яке аз ёдгориҳои таърихӣ дар Бухоро мадрасаи Мири Араб аст. Аснои зиёрати он қабрҳоеро мебинед, ки ба шахсиятҳои маъруфи олами ислом мутааллиқанд. Вале бинобар бенигоҳубин мондани оромгоҳ дар қаламрави кўчаки мадраса кас намедонист киҳо дар ин ҷо ба хок супурда шудаанд. Танҳо қабри бунёдгузори ин маскани маърифату таълим – Мири Араб маълум буду халос. Вале оиди ашхосе, ки дар атрофи Мири Араб хобидаанд, маълумоти дақиқ мавҷуд набуд.

Чанд сол пеш шоир ва муҳаққиқ Садриддин Салими Бухороӣ (равонаш шод бод) асаре таълиф сохт бо унвони «Ду саду ҳафтоду ду пир». Китоб такя ба манбаъҳои муътамад рўйи чоп дидааст. Дар он гуфта мешавад, яке аз оромгоҳҳо дар паҳлуи Мири Араб ба писари он зоти шариф мутааллиқ аст, ки Муҳаммад Боқир ном дошт.

Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар тазкираи хеш «Музаккир-ул-аҳбоб» дар бораи фаъолияти Муҳаммад Боқир ва падари бузургвори ў Мири Араб маълумотҳои дақиқ додааст.

Сарчашмаҳо далолат медиҳанд, ҳазрати Мири Араб яке аз намояндагони тариқати нақшбандия дар Бухорои шариф ба шумор мерафт. Ҳазрати Муҳаммад Боқир, айни замон, аз алломаҳои давр буд ва дар олами илму адаб ҷойгоҳи алоҳида дошт. Устоди аввали вай, бешубҳа, хусусан дар омўзиши илми тариқату шариат падари донишмандаш Мири Араб буд, ки бо саховатмандӣ низ ном баровард ва бунёдкориҳо менамуд. Устоди воқеии Мири Араб, айни замон, Хоҷа Аҳрори Валӣ ҳисоб меёфт.

Баъде Мири Араб аз дунё гузашт, ҳукмдорҳои Бухоро нисбати Муҳаммад Боқир бештар илтифот намуданд. Ў ба яке аз шахсони баиззати давр табдил ёфт. Чанд сол дар мадрасаи падараш (Мири Араб) мударрисӣ намуд. Аз асрори адабиёту эҷод воқиф буду бо тахаллуси Яманӣ бо форсӣ-тоҷикӣ ғазалҳо менавишт. Дар манбаъҳои таърихӣ аз ғазалиёташ намунаҳо оварда шудаанд. Вале оиди солҳои охири ҳаёташ маълумотҳо кам. Соли вафоташ номаълум.

Дигар аз азизоне, ки паҳлуи Мири Араб ба хоби абад рафтааст, домоди ў Шайх Закариё мебошад.

Назар ба маълумотҳо, Бухоро то ибтидои қарни бистум наздик 400 мадраса дошт. Аввалин мадраса, тавре дар «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ қайд шудааст, «Форжак» унвон дошт, ки соли 937 пойдевори онро гузошта буданд. Он нахустин мадраса дар Мовароуннаҳр низ мебошад. Асосгузори он – Абуҳафс Кабири Бухороӣ. Дар давоми асрҳои миёна мадрасаҳои Бухоро, аз ҷумла, Мири Араб марказҳое ба шумор мерафтанд, ки толибони илмро соҳиби маълумоти олӣ мекарданд.

Маълум, ки мадрасаҳо асосан бо ташаббуси амирон, амалдорон ва шахсони бадавлати баландҳиммат бунёд мешуданд. Яке аз онҳо – Мири Араб (воқеъ дар муқобили Манораи Калон) дар солҳои 1530-1536 дар даврае, ки Убайдуллохон сари тахт буд, арзи ҳастӣ намуд. Мадраса аз ҳисоби маблағе, ки Убайдуллохон инъом кардааст ва аз ҳисоби мулкҳои вақф, бо эҳтимоми Шайх Абдуллоҳ, ки ҳамчун Мири Араб ном баровардааст, қомат рост кард. Албатта, ба корҳои сохтмон дар навбати аввал худи ў (Мири Араб) сару бар буд. Вале ҳанўз сохтмон ба охир нарасида, дар ибтидои соли 1536 Мири Араб аз дунё гузашт. Аз рўйи васияти ў домодаш Шайх Закариё сохтмонро ба охир расонд.

Мири Араб дар асл куҷоист? Чаро ўро Саййид Абдуллоҳи Яманӣ мегўянд?

Воқеан ватани ў – Ямани араб. Дар 22-солагӣ дар ҷустуҷўйи илм ба Самарқанд омад, ба Хоҷа Аҳрори Валӣ шогирд шуд. Баъдтар ба Бухоро роҳ пеш гирифт, дар корҳои маънавӣ ва ободонӣ худро нишон дод ва мавриди эътибори Убайдуллоҳхон қарор ёфт.

Номи ўро хаттот Миралӣ Фатҳободӣ дар пештоқи мадрасае, ки барпо кард, дар қитъаи зер сабт кардааст: «Мири Араб – фахри Аҷам он ки кард, Мадрасаи олии бас булъаҷаб. Булъаҷаб он аст, ки таърихи ў, Мадрасаи олии Мири Араб».

Ҳамин тавр, мадрасаи Мири Араб ба маскани таълими олие табдил ёфт, ки ҳазорон мударрис, муфтию амалдор, имом, сафир, арбоби сиёсӣ ва аҳли илму адаб дар он касби камол карданд, маълум ва машҳур гардиданд.

Садри Зиё (1865-1932, падари академик Муҳаммадҷон Шакурӣ) қайд кардааст, яке аз ҳукмдорҳои вақт Шоҳмурод дар яке аз ҳуҷраҳои мадрасаи Мири Араб шабонарўзҳо раёзат кашид ва ба омўзиши илм машғул гашт. Шоҳмурод дар байни халқ ба сифати «Амири ҷаннатмакон» ном баровардааст. Амир Ҳайдар низ таълимгирифтаи ҳамин даргоҳи маърифат буд.

Ҳикоят мекунанд, баъде амир Шоҳмурод ба сари қудрат омад, аз ҳисоби даромаде, ки аз андоз афтидааст, барои муллобачагон идрор (стипендия) ҷорӣ намуд.

Чун дигар мадрасаҳо Мири Араб соҳиби мулки вақф буд. Ҷуз ин аз ҳисоби маблағи иловагии аз хазинаи аморат ҷудошуда масъалаҳои молиявии мадраса ҳаллу фасл мешуд. Хидматгузорон ба маош таъмин карда мешуданд. Мутаваллиро амир таъин мекард. Ҳаминро низ қайд кардан муҳим, миқдори муллобачагон ва соли таҳсили онҳо то андозае ба даромаду харҷҳои мадраса вобастагӣ дошт.

Дар охири соли таҳсил аз рўйи фанҳои диниву дунёвие, ки гузашта шудаанд, бо иштироки падару модарон аз толибони илм имтиҳон гирифта мешуд. Ба муллобачагоне, ки имтиҳонотро бомуваффақият супурдаанд, шаҳодатнома дода мешуд. Толиби илме, ки Мири Арабро бо баҳоҳои аъло хатм мекард, ҳатто аз ҷониби амир бо тuҳфа ва пули нақд тақдир мешуд.

(Давомаш дар саҳ.4).

*3-юми декабр – Рўзи маълўлон*

# ОН КӢ КОРИ НЕКМАРДОН МЕКУНАД...

***Аз 1-уми январи соли 2024 дар кишвари мо Барномаи «Саёҳат бидуни монеа» амалӣ хоҳад шуд. Дар Самарқанд низ барои маъюбу маълўлон шароити мусоиди сайру гашт омода шудааст.***

Мо, чанд нафар журналистон маҳз бо мақсади шинос шудан бо шароити қабули сайёҳон, ки дар байни онҳо шахсони имконияташон маҳдуд ҳам ҳастанд, мувофиқи хатсайрҳои эшон гашту гузор намудем.

Воқеан, аксар сайёҳони хориҷӣ боздид аз ёдгориҳои таърихии Самарқандро аз маҷмўи Регистон, ки аз мадрасаҳои Мирзо Улуғбек, Шердор ва Тиллокорӣ иборат аст, оғоз менамоянд.

Мо мушоҳида намудем, ки як гурўҳ меҳмонон бо автобусҳои замонавӣ омада фаромаданд, ки дар байни онҳо як нафар дар аробача буд. Ҳамин вақт ду бону дар либоси низомӣ омада, барои ҳаракати аробача кумак расонданд, ки аз ин таъби ҳозирон болида гашт.

Роҳбалад ба забони ҷопонӣ фаҳмонд, ки онҳо дар хизмати меҳмонони гиромӣ ҳастанд.

Сипас аробача ба ҳаракат даромаду савораш аз тамошои ёдгориҳои таърихӣ хушҳол гардид. Ў қабл аз худоҳофизӣ боз чанд маротиба миннатдор буданашро бо ишора изҳор дошт.

– Мо кўшиш ба харҷ медиҳем, ки шахсони имконияташон маҳдуд низ ҳам дар рўйи ҳавлӣ ва ҳам дохили иншоот бо аробача озод ҳаракат кунанд, – гуфт директори маҷмўи Регистон Хонқул Самаров. – Дар асоси машварату маслиҳат бо меъморони соҳибтаҷриба роҳравҳои алоҳида ва ҳатто хоначаҳои махсус бунёд гардиданд.

Дар мадрасаҳо барои шахсони чашмонашон хира ё нобино харитаи сайру гашт бо алифбои Брайл мавҷуд аст. Қариб 15 нафар роҳбалад дар хидмати шахсони имконияташон маҳдуд мебошанд.

Дар маҷмўи Бибихонум низ барои маъюбу маълўлон шароити мусоид фароҳам оварда шудааст, ки мо инро бо чашми худ дидем.

– Бо мурури замон ҳусни маҷмўи мазкур хеле коҳиш ёфта буд, – гуфт ходими маъмурияти он Гулбаҳор Оқилова. – Бо дастгирӣ ва кумакҳои молиявии ҳукумат корҳои ибратбахш ба фарҷом расиданд. Аз ҳама муҳимаш, барои шахсони имконияташон маҳдуд шароити мусоид фароҳам оварда шуд.

Чунин шароитро дар маҷмўъҳои Гўри Мир, Шоҳизинда, Дониёрпайғамбар ва ёдгориҳои дигари таърихии Самарқанд мушоҳида кардем.

– Дар асоси қарору фармонҳои сарвари давлат барои шахсони имконияташон маҳдуд шароити хубу шоиста ва, албатта, хидмати ройгон мавҷуд аст, – мегўяд раиси ҷамъияти маълўлони вилояти Самарқанд Дилмурод Пардаев,– аммо дар ин самт ҳанўз мушкилот низ ҳастанд. Масалан, ҳоло зимистон дар мекўбад. Мавсими барфу борон ва ҳавои сард оғоз меёбад. Аксарияти майдонҳои маҷмўи ёдгориҳои таърихии Самарқанд мармарпўшанд. Ҳаво, ки хунук шуд, замин ях мекунад, гаштугузор барои шахсони имконияташон маҳдуд душвор мегардад.

Боз як масъалаи муҳим, ин чандон хуб набудани ҳолати роҳҳои бозор, осорхонаҳо, театру китобхонаҳо, тарабхонаҳо, вокзал, аэропорти байналхалқӣ ва дигар ҷойҳои серодам аст.

Умед дорем, ки ин мушкилот низ ҳалли худро меёбанд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

*Дар нигористон*

# «ХОБҲОИ ОРОМ»

***Дар толори намоишгоҳи маркази Академияи бадеии Ўзбекистон намоишгоҳи шахсии рассом Татяна Фадеева бо номи «Хобҳои ором» кушода шуд.***

Дар намоишгоҳ намунаҳои эҷодиёти ду соли охири рассом ҷой дорад, ки дар онҳо навгониҳои солҳои охир, тарбияи маънавию ахлоқии ҷавонон, манзараҳои зебои табиат, ҳаёти инсонҳои неку самимӣ, тарғиби арзишҳои миллӣ акси худро ёфтаанд. «Хобҳои ором», «Осмони ситоразор», «Баҳори бахт», «Шамоли форам», «Пазмонӣ», «Оила», «Роҳи дониш», «Санам», «Осоиштагӣ», «Мамлакати офтобӣ», «Ватан» барин асарҳои Татяна ба ҳукми тамошобинон ҳавола карда шудааст.

**Ҳ. АБДУНАЗАРОВ.**



*Дар Бухоро маросими мутантани тақдиронидани ғолибони озмуни «Зани сол» ва «Фаъоли баробарии гендерӣ» баргузор шуд.*

*Ба ғолибони зинаи вилоятии озмуни «Ватанпарвартарин зани сол», «Зани олимаи сол», «Зани соҳибкори фаъолтарини сол», «Беҳтарин зани эҷодкори сол», «Беҳтарин кадбонуи сол», «Устоди ҷоннисортарини сол», «Тарғибгари беҳтарини тарзи ҳаёти солим» ташаккурнома ва туҳфаҳои гаронбаҳои ҳокимияти вилоят супурда шуд.*

***Дар сурат:*** *маросими мукофотсупорӣ ба ғолибони озмун.*

***Аксбардор: Т. ИСТАДОВ (ЎзА).***

# ФАСЛИ САРМО ҲАМ ФАРО РАСИД

***Дар «Латоиф-ул-маориф» оварда шудааст: «Умар ибни Хаттоб, вақте зимистон медаромад, ба ҷойҳои сарди хилофат мактуб мефиристод, ки: «Зимистон даромад ва он душман аст. Пас бар зидди ў аз пашму чарм ва пойпўшҳо худро мусаллаҳ кунед. Пашмро пўшокии дохилӣ ва хориҷӣ гиред, ки сардӣ душманест, зуд медарояд ва баромадани он дуру дароз ва душвор аст».***

Баҳри беталаф гузаронидани мавсими сармои зимистон дар ҷойҳо як қатор корҳои самаранок бурда мешавад. Дар ноҳияи Янгиҳаёти шаҳри Тошканд низ корҳо дар авҷ. Бахусус, иншоотҳои соҳаи иҷтимоӣ, муассисаҳои таълиму тиббӣ тайёрии пухта мебинанд. Таҳти роҳбарии ҳокими ноҳия Ҳаёт Иноғомов гурўҳи корӣ ташкил гардида, на танҳо объектҳои соҳаи иҷтимоӣ, балки ҳолати шабакаҳои электр ва трансформатор, қубурҳои об, газ ва бо сўзишвории газу ангишт таъмин намудани ҳар як маҳалларо зери назорат мегиранд.

– Дар ҳар як минтақаи ноҳияамон чашмамон ба корҳои ободониву кабудизоркунӣ, шинондани арчаву ниҳол, тоза кардани ҷўйбор ва майдончаҳои бачаҳо меафтад. Албатта, зиндагии фаровон аввало ба худамон вобаста аст. Аъзои гурўҳи корӣ ба ҳар як хонадони маҳалла, биноҳои серошёна даромада, мушкилоти газ, электр, об ва дигар самтҳоро муайян намуда, баҳри бартараф намудани он кўшиш ба харҷ медиҳанд. Аммо, гуфтан бамаврид аст, ки баъзе шаҳрвандони биноҳои серошёна ба чунин шароити мусоиди зиндагӣ «хиёнат» мекунанд. Ба кўчаву роҳрав, майдончаҳои бачагон партовҳои худро мегузоранд, ҳатто таги дари худро намерўбанд. Кўдаконашонро бе назорат мемонанд, дар натиҷа онҳо дарахту гулу буттаҳо, арғунчаку дигар бозичаҳои майдончаро мешикананд. Дар биноҳои бисёрошёна иҷоранишинҳо хеле зиёд. Иҷоранишин ҳам бояд хонаи ба иҷора гирифтаашро чун хонаи худ нигоҳ дорад. Масъулони ҳар як бино сокинони ҳар як хонадонро бояд донанд ва таҳти назорат гиранд, – мегўяд муовини раиси маҳаллаи «Янгичоштепа»-и ноҳия Маҳмуда Яъқубова.

Маҳмуда дуруст мегўяд, иҷоранишин низ бояд ба қоидаҳои ҳамон бино риоя намояд. Рўзе барои рўбучин кардани роҳрав ва майдончаи бачаҳо бошандагони бинои истиқоматиамонро як-як ҷеғ задем. Иҷоранишине, ки чор кўдак дораду даробарояш бисёртар аст, «ин хонаи ман нест, ман иҷорашин ҳастам» гуфта таклифи моро рад кард.

Инсон сарчашмаи ҳамаи ободӣ, озодӣ ва пешравию комёбиҳои ҳаёт аст.Тамоми мавҷудоти олам маҳз ба тавассути меҳнати фидокоронаи инсони асил арзи ҳастӣ мекунад, ба туфайли ақли бузургаш гулу гиёҳро месабзонад, ҳайвонотро парвариш мекунад, муҳити хешро тозаву озода нигоҳ медорад, ифлосию нопокиро бартараф менамояд ва билохира ба фарзандони худ низ инро меомўзонад.

Худованд барои мо муҳити хуби зист ва сарватҳоро муҳайё намудааст, бояд ин ҳадяҳоро поку беолоиш нигоҳ дошта, тозакору муҳитпарвар ва бунёдкори ҳаёти бофароғати хеш бошем.

**С. БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

